**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-027**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба**
**ФАЙЗУЛЛАЕВА ЗЕБУНИСО БУХОДИРОВНА**

**Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 аз 25.09.2021с.**
**Протоколи №47**

Диссертатсияи Файзуллаева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» дар шакли дастнавис аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №32 аз 15 майи соли 2021, шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Файзуллаева Зебунисо Буходировна дар Шӯрои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 30.04.2020, №04 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Файзуллаева Зебунисо Буходировна дар ҷаласаи шӯъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 10.02.2021, №2 муҳокима ва баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** – Номзади илмҳои филологӣ, Каримзода Мирзо Бадал, мушовири илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Файз.

**МУҚАРРИЗОНИ РАСМӢ:**

- **Файзализода Ҷумахон Хол** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- **Наврӯзова Гулшан Турсуновна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**

**Муассисаи тақриздиҳанда** дар тақризи худ, аз 30 августи соли 2021, суратҷаласаи №1, ки онро мураттиби тақриз – роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ, и.в. мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тошзода С.Ҳ., ташхисгар, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юнусова Н.М., имзо карда, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Ҳ. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки омӯзиши таърих, фарҳанги миллӣ, мероси гаронбаҳои маънавии аҷдодӣ, ки дар маҷмӯъ арзишҳои миллиро ташаккул медиҳанд, дар ҷавҳари худ омилҳои гаронбаҳои таълиму тарбияро фаро мегиранд, ки дар баробари ворисияти наслҳо аслияти онҳо низ рӯ ба равнақ буда, маҳз ифодакунандаи мазмун ва рӯҳи замон ба шумор мераванд. Ҳамвора роҳу восита ва имконоти истифодаи беҳтарин ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар таҷрибаи таълиму тарбияи имрӯзаи дунявӣ беш аз пеш ба масъалаи мубрами илмӣ табдил меёбад ва бахусус педагогикаи муосири миллии халқҳои Осиёи Марказӣ ба он ниёз дорад.

Дар ин замина, интихоби мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар диссертатсияи мазкур инъикос ёфтааст, қобили таваҷҷӯҳ аст. Зеро, аз тариқи таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллӣ, илми муосири педагогика имконият пайдо хоҳад кард, ки дар коркарди фарзияҳои навини замонавӣ дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои миллӣ, аз маълумотҳои илман асоснок истифода намояд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардидааст, ба матни диссертатсия мувофиқ ва доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои

бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқ медиҳад. Рисолаи илмии Файзуллаева Зебунисо Буходировна кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ интишор шуда, 6 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсияшуда, ба табъ расидаанд.

Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи тақиқшаванда:

1. Файзуллаева З.Б. Ҷанбаҳои таърихӣ-фарҳангии таълиму тарбияи занон дар Осиёи Миёна. // «Педагогический журнал Башкортостана», №3 (82), 2019. – с. 115–118.

2. Файзуллаева З.Б. Таълиму тарбияи занони Осиёи Марказӣ дар замони қадим. // «Замонавий таълим» / «Современное образование», №5 (78), 2019. – с. 9–15.

3. Файзуллаева З.Б. Ғоя ва арзишҳои ислом дар мактабҳои мусулмонии Осиёи Миёна. // «Номаи донишгоҳ», №1 (62) 2020. – с. 162–167.

4. Файзуллаева З.Б. Мавқеи китоб ва китобхонӣ чун арзиши исломӣ дар давраи Темуриён. «Замонавий таълим / «Современное образование», №11 (96), 2020. – с. 39–44.

5. Файзуллаева З.Б. Роҷеъ ба инъикоси масоили тарбияи ахлоқӣ дар барномаҳои таълимӣ (дар мисоли Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Русия) / Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, № 4 (37), 2020. – с. 101–104.

6. Файзуллаева З.Б. Ташаккули таҳаммулпазирии этникӣ ва динии хонандагон дар китобҳои дарсӣ тавассути арзишҳои миллӣ. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. №4 (32), 2020, с. 180–184.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**Тақризи 1.** Аз д.и.п., профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода – Шербоев Саидбой. Қайд гардидааст, ки муаллиф бо назари дақиқи илмӣ оид ба интихоби мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар диссертатсияи мазкур таҷаммоъ ёфтааст, маълумоти мукаммал дода дода тавонистааст ва таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархӯри ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад. Тақриз эрод надорад.

**Тақризи 2.** Аз д.и.п., профессори кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат – Мирзоев А.Р. Муқарриз ба автореферат баҳои мусбӣ дода қайд менамояд, ки таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ арзишҳои назаррасеро соҳиб буда, мӯътамадӣ, асосноккунӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он дуруст пайгирӣ шудааст. Тақриз эрод надорад.

**Тақризи 3**. Аз Собиров Сафарбек, н.и.п., мушовири ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Муқарриз эрод надорад.

**Тақризи 4**. Аз Аҳмадзода Бунафша – н.и.п., омӯзгори кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. Муқарриз эрод надорад.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– донишҳои таърихию педагогӣ дар доираи арзишҳои миллӣ муайян ва ба низом даровaрда шуда, ҷанбаҳои педагогӣ, мазмун ва моҳияти арзишҳои миллӣ, ки дар асоси таҳлили таърихӣ-педагогии давраҳои таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ мураттаб шудааст, муназзам тавсиф ёфтааст;

– хусусиятҳои сарчашмаҳои таълимиву тарбиявии арзишҳои миллӣ, омилҳои пешқадами онҳо муайян карда шуда, таъсири мусбии онҳо ба тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии хонандагон нишон дода шудаанд;

– шароит ва методҳои истифодаи ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ чун ҷузъи

арзишҳои умумибашарӣ дар таълиму тарбияи насли наврас коркард шуда, аҳамияти тарбиявии арзишҳои миллӣ дар рушди худшиносӣ ва тарбияи ахлоқии насли наврас бо далелҳои эътимоднок асоснок карда шудааст;

– мақом ва нақши арзишҳои миллӣ дар раванди тарбияи худшиносии миллӣ ва рушди маънавиёти насли наврас муайян ва асоснок карда шуда, аҳамияти ҳамгиройии ҷанбаҳои тарбиявии арзишҳои миллӣ дар ташкил ва ривоҷи низоми таълими муосир нишон дода шудааст;

– ҷойгоҳ ва мақоми ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбияи давру замонҳо баррасӣ шуда, аҳамияти беназири онҳо барои имрӯз нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки он барои афзун намудани донишҳои назариявӣ оид ба арзишҳои миллӣ хизмат менамояд. Назари таърихию педагогӣ ба масъалаи баррасишаванда имкон медиҳад, ки дар бораи мақоми арзишҳои миллӣ дар раванди бардавоми барқарор будани урфу одатҳои мусулмонӣ дар Осиёи Марказӣ хулосаи зарурӣ барорем ва аз дидгоҳи дунявият роҳҳои ҳамгиройии онҳоро дар замони муосир ҷустуҷӯ намоем. Барои далели назар, овардани ин нуктаҳо ҷоиз аст:

– ба назарияи педагогика мафҳуми «арзишҳои миллӣ» ворид карда шуда, имконияти истифодаи ҷанбаҳои педагогии ин арзишҳо дар муассисаҳои таълимии дунявӣ исбот карда шудааст;

– аз ҷиҳати назариявӣ истифодаи арзишҳои миллӣ, дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, ки ҷузъи арзишҳои умумибашарӣ маҳсуб ёфта, дар раванди таълиму тарбияи муосир мавқеи муҳим доранд, асоснок карда шудааст;

– асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи арзишҳои миллӣ дар доираи омӯзиши фанҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ дода шудааст;

мувофиқи синну сол ва хусусиятҳои фардии бачагон омӯзиши назариявии арзишҳои миллӣ тавсия карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот –** дар коркарду ташкили технологияи баррасии арзишҳои миллӣ дар муассисаҳои таълимӣ, такмили стандарт, барнома, дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ ифода меёбад. Маводи дар диссертатсия пешниҳодшуда барои такмил додани нақшаи мавзӯъҳои дарс, таҳияи китобҳои дарсии нав, воситаҳои таълимӣ-методии муосир мусоидат намуда, истифодаи онҳо дар курсҳои такмили ихтисос барои баланд бардоштани маърифати худшиносии омӯзгорон хизмат карда метавонад.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба манбаъҳои таърихӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми арзишҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбияи мардуми Осиёи Марказӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ мавриди муҳокима гардидани натиҷаҳои пажӯҳиш эътимоднокии онро муқаррар мекунад.

**Нақши муҳаққиқ дар таҳқиқи масъала аз инҳо иборат аст:** иштироки бевоситаи муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; муайянсозии нақш ва аҳамияти арзишҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбияи мардуми Осиёи Марказӣ ва дар ин асос муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи арзишҳои миллӣ дар доираи омӯзиши фанҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ дар системаи таҳсилоти мактабӣ; муайян кардани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи истифодаи арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас; санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда: интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзӯъ ва дар семинару конфронсҳои илмӣ-назариявии умумиҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба сифати маърӯза муаррифӣ намудан.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ    13    нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ -   нест,
бюллетенҳои беэътибор – нест.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 25 сентябри соли 2021 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Файзуллаева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Ба Файзуллаева Зебунисо Буходировна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дода шавад.
2. Хулоса ва қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар мувофиқа бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, тасдиқ карда шавад.
3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулоса ва қарори шӯроро тасдиқ намояд ва ба Файзуллаева Зебунисо Буходировна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси шӯрои диссертатсионии**
**6 D . К О А - 0 2 , доктори илмҳои**
**педагогӣ, профессор** **Шаропов Ш.А.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**
**6 D . К О А - 0 2 7**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**
**25.09.2021с.**

Тасдиқ менамоям
Мутахассиси пешбари Ҳусейнова З.С.